ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкили-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси педагогикаи махсус (рамзи ихтисос 5.3.6). Душанбе. 2026. 392 саҳифа.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Таҳқиқоти диссертатсионии Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна ба масъалаи рушди имкониятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии хонандагони имконияташон маҳдуд бахшида шуда, таъмини омодагии муассисаҳои таълимии махсус, фароҳам овардани шароити мусоиди таълим, ҳамгироӣ ба низоми таҳсилоти иловагӣ, босамар гардондани шароити хонандагони имконияташон маҳдудро мавриди таҳқиқи васеъ ва фарох қарор додааст.

Рисола ба талаботи бахшҳои 4.1.- Хусусиятҳои инкишоф, таълим ва тарбияи кӯдакон, наврасон ва калонсолон дар шароити гуногун, аз ҷумла, ҷанбаҳои муоширатӣ, маърифатӣ, ҳиссиётӣ ва ҳаракатӣ, инчунин хусусиятҳои рушд ва корҳои ислоҳӣ; 4.2. - Таҳияи низоми таълим ва тарбия, аз ҷумла, ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷа, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили раванди таълим ва тарбия барои кӯдакон ва калонсолони дорои маҳдудият бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ҷавобгӯй буда, ба шиносномаи илмии ихтисоси 5.3.6. - Педагогикаи махсус мувофиқати комил дорад.

Муаллиф масъалаи рушди қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдудро на танҳо дар доираи дарс, балки дар заминаи ҳамгироии раванди таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ мавриди ҳаллу фаст қарор додааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Дар рисола ҷанбаҳои илмӣ, педагогӣ ва равонии рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагони дорои нуқсони мухталиф дар муассисаҳои махсуси таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ таҳлил шудааст. Таваҷҷӯҳи муаллиф махсусан ба ҳамгироии раванди таълимӣ бо маҳфилҳои эҷодӣ гардида, собит шудааст, ки хонандагони имконияташон маҳдуд дар маҳфилҳои мусиқӣ, рассомӣ ва меҳнатӣ қудрати фаъолона ширкат варзидан ва дар интихоби касби оянда муваффақ шуданро пайдо карда метавонанд.

Аз таҳлили мухтавои рисола бармеояд, ки муассисаҳои таълимии касбии махсус дар рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд талошҳои мақсаднок дошта метавонанд. Хонандагон дар маҳфилҳои эҷодӣ иштирок карда, нерӯю тавони худро дар ҷараёни рушди зеҳнӣ дар заминаи фаъолияти амалӣ намоён карда, бартараф кардани монеаҳо ва ҳиссиётҳои гуногун - ғараз, ҳасад, бадхоҳӣ, нотавонбинӣ ва амсоли онро бартараф менамоянд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ ҳамчун ҷузъи фаъолияти таълимӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти махсус, хоса, ҳини фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ тавассути ҳамкорӣ бо таҳсилоти иловагӣ равшан ва возеҳ таҳқиқ ва тавсиф шудааст. Хусусиятҳои рушди қобилиятҳои эҷодӣ тавассути иштирок дар маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ, фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла, ҳунарҳои дастӣ муфассал таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Қобили зикр аст, ки нақшаи кории маҳфилҳои эҷодӣ дар самти расмкашӣ, мусиқӣ, фаъолияти меҳнатӣ ҳамчун омили босамари низоми таҳсилоти махсуси иловагӣ аз ҷониби муаллиф мушаххас ва таҳия гардида, бо назардошти имкониятҳо ва шароити ташкилии рушди зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд пешниҳод шудааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки имконияти ҳамгироии фаъолияти муштарак дар заминаи таҳсилоти махсус ва иловагӣ барои иштироки хонандагони имкониятташон маҳдуд дар маҳфилҳои эҷодӣ ва рушди қобилиятои эҷодии онҳо дар таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат тсботи худро ёфтааст. Инчунин имконияти роҳбарони маҳфил барои рушди омӯзиши онлайн дар марҳилаҳои фаъолияти эҷодӣ, таҳияи барномаю нақшаҳо, ташкили чорабиниҳои марбут ба расмкашӣ, мусиқӣ ва ҳунарҳои дастӣ мавриди арзёбӣ қарор ёфтааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳия ва асоснокии шароитҳои педагогӣ дар рушди қобилияти эҷодӣ ва самаранокии кор тавассути санҷиш, арзёбии коршиносони дорои завқу шавқи эҷодкорӣ, ҳамкорӣ бо дастандаркорони муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ зуҳур мегардад. Дар рисола тавсияҳои методӣ барои кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла, омӯзгорон, роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ, мутахассисон, ки ба таъсис ва рушди гурӯҳҳои эҷодӣ дар раванди таҳсилоти махсус ва иловагӣ саҳм гузоштаанд, пешниҳод гардидааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим ва илмӣ-амалии диссертатсия асоснокии рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд дар заминаи таҳсилоти махсус ва иловагӣ маҳсуб меёбад. Асоснокии сохтор ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, дастуру маводҳои ёрирасон дар мувофиқа бо меъёр ва принсипҳои таҳсилоти иловагӣ таҳқиқ ёфта, аҳаммияти маҳфилҳои эҷодӣ дар ташаккули фарҳанги муошират, рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва салоҳиятҳои касбии хонандагон таъкид ва баён шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқотро дар муассисаҳои таълимии махсус, курсҳои такмили ихтисос, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истфода қарори додан тавсия мегардад. Дастовардҳои рисолаи унвончуй барои беҳтаршавии сифати таълим ва

омодагии касбии хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамуда самтҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, муайян кардааст, ки рушди қобилият зеҳнӣ ва эҷодӣ дар муоширатии хонандагони имконияташон маҳдуд аз сатҳи фаъолияти маърифати онҳо, рушди ҳавасмадӣ ба эҷодкорӣ вобаста мебошад. Муаллифи рисола мутмаин аст, ки ҳамгироии низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ дар рушди малакахои муошират, интихоби касби бачагони имконияташон маҳдуд шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар рафти таҳқиқот гузориши масъала ва ҳаллу фасли нуктаҳои муҳим оид ба фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ, ташкилӣ ва равонӣ дар самти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони дорои имкониятҳои махдуд натиҷаҳои дилхоҳ бахшид. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки ташкили маҳфилҳои эҷодӣ дар интихоби касбу кори ояндаи хонандагони имконияташон маҳдуд роҳи васеъ кушода, барномаю нақшаҳо ва тавсияҳои методӣ барои иштирокчиёни маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ ва ҳунарҳои дастӣ барои расидан ба ҳадафҳои иҷтимоишавӣ ва рушди эҷодӣ роҳи васеъ мекушояд. Дар робита ба ин гуфтаҳо муаллиф нуктаи дигари муҳимро низ арзёбӣ мекунад ва он бо истифодаи самараноки технологияҳои муосири педагогӣ робитаи қавӣ дорад. Нуктаи дигари ба ҳимоя пншниҳодшуда бо омодагии касбии роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ вобаста буда, дар хонандагони имконияташон маҳдуд тарғиби эҷодкорӣ, масъулият ва ташаббускориро талқин менамояд. Унвончӯй муваффақ шудааст, ки корбасти амсилаи пешниҳодшуда дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ, завқу шавқи маърифатнокӣ ва иҷтимоишавии хонандагони имконияташон маҳдуд саҳми арзанда гузорад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо дар заминаи истифода аз ғояву андешаҳои асосноки бунёдӣ-назариявӣ, методологӣ, психологию педагогӣ ва дидактикии муҳаққиқону донишмандони соҳа, дар доираи баргузории озмоишҳои педагогӣ таҳқиқ

ва тасдиқу ҷамъбаст шудааст. Бахусус, омилҳои педагогии баланд бардоштани нерӯю қудрати эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд тавассути таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти касбии иловагӣ бо истифода аз амсилаи педагогӣ муайян гардида, иштироки фаъол дар маҳфилҳои эҷодӣ асоснок шудааст. Тазаккур бояд дод, ки асоснокии методологии рисола дар заминаи объекти тадқиқот роҳандозӣ гардида, бо роҳу усулҳои самараноки таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва махсус мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор ёфтааст.

Ҳаҷм, сохтор ва таҳлили мазмуни бобҳои диссертатсия. Рисола аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, хулоса, натиҷаҳои умумӣ ва рӯйхати адабиёт дар ҳаҷми 392 саҳифа иборат аст. Сохтори рисола дар асоси заминаҳои бунёдӣ-методологӣ, таҳлили бобҳо ва фаслҳои рисола дар асоси таҷрибаи озмоишӣ ва арзёбии фаъолияти роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ мураттаб ёфта, ба низомномаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Боби якум - «Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд» ба таҳқиқ ва асоснокии заминаҳои бунёдӣ-методологии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд тавассути ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ, таҳлили адабиёти илмӣ бахшида шудааст

Дар боби аввал мушкилоти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд тавассути ҳамгироии раванди таълим ва иштироки онҳо дар маҳфилҳои эҷодӣ дар заминаи таҷрибаи пешқадам ва таҳлили афкори педагогӣ ва психологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи рисола меафзояд, ки роҳандозии чунин маҳфилҳо ҳамчун воситаи ҳавасмандкунӣ ва ташаккули қобилияти зеҳнӣ-маърифатӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муҳити таҳсилоти фарогир ба аҳаммияти калон молик мебошад.

Дар рисола зикр мегарад, ки азхудкунии дониш ва парвариши малакаҳои эҷодӣ дар ташаккули шахсияти хонандагони имкониятташон маҳдуд ва омода кардани онҳо барои зиндагӣ дар ҷомеаи муосир нақши муҳим мебозад. Дар шароити муосири рушди бемайлони илм ва технология муассисаҳои таҳсилоти фарогир сатҳи баланди иштироки хонандагони имкониятташон маҳдудро дар раванди таълими махсус таъмин намуда, барои иҷтимоишавии онҳо саҳми бориз мегузоранд. Чунонки унвончӯй қайд мекунад, ҳамгироии фанҳои таълимӣ ва фаъолияти эҷодӣ ба омодании хонандагони имкониятташон дар интихоби касбу кори оянда роҳи васеъ мекушояд.

Дар боби дуюм - «Шароитҳои илмӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ» муаллифи рисола ба таҳқиқи фаъолияти инкишофи зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд ручӯъ карда, масъалаҳоеро ба миён мегузорад, ки дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд мусоидат менамояд. Дар боби мазкур нақши роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ, омӯзгорону мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир дар робита ба мавзуи мавриди назар баррасӣ ва хулосабандӣ шудааст. Ҳадафи асосии маҳфилҳои эҷодӣ сафарбаршавии хонандагони дорои нуқсонҳои гуногун ба кори маҳфилҳо, рушди минбаъдаи касбии онҳо ва пайдо кардани мақоми хеш дар ҷомеа мебошад.

Ба ақидаи унвончӯй, маҳфилҳои эҷодӣ ва ташкили онҳо қадами устувор ҷониби рушди қобилияти эҷодӣ ва салоҳиятҳои касбии хонандагони имкониятташон маҳдуд мебошад.

Боби сеюми рисола гузориш ва баррасии масъалаҳоеро дарбар мегирад, ки ба «Доираҳои эҷодӣ ҳамчун муҳити рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд» марбут аст. Боби мазкур асосҳои бунёди-назариявии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва имкониятҳои фардии хонандагони имкониятташон маҳдудро мавриди

муҳокима ва ҳаллу фасл қарор додааст. Унвончӯй тазаккур медиҳад, ки дар шароити муосири таҳсилоти фарогир ташкили фазои мусоиди эҷодӣ аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани фаъолнокии зеҳнӣ, ташаккули малакаҳои амалӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагони имконияташон маҳдуд ба ҳисоб меравад.

Дар боби мазкур нақши маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун воситаи муҳимми таълиму тарбия ва рушди қобилиятҳои ҳунарии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Махсусан, имкониятҳои маҳфили эҷодии расмкашӣ дар инкишофи тафаккур ва тахайюли бадеӣ, образофаринӣ, тасаввури олами воқеӣ, мушоҳидакорӣ, диққат ва малакаҳои эҷодӣ аҳаммияти калон дошта, унсурҳои сенсории (яъне ҳиссиётӣ, дарку идрок) хонандагонро тақвият мебахшад. Мусаллам аст, ки машғулиятҳои расмкашӣ ба хонандагони имконияташон маҳдуд имкон мебахшад, ки олами ҳиссиёт, андешаю тасаввур ва ҷаҳонбинии худро тавассути воситаҳои тасвирӣ ифода намуда, фаъолмандӣ ва эътимод ба эҷодкориро рушд медиҳад.

Муаллиф инчунин ба ҷанбаи дигари фаъолияти хонандагони имконияташон маҳдуд - санъати мусиқӣ ҳамчун воситаи муассири ҳиссиёт, таассурои ва ғояҳо тавассути навою оҳанг ва садоҳои мавзун, ки ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо мусоидат мекунад, таваҷҷуҳи хос ба амал овардааст. Ба ақидаи муаллиф, иштирок дар маҳфилҳои мусиқӣ ба рушди хотира, диққат, эҳсоси садою наво, зарбу оҳанг, салоҳияти шунавой, ҳаракати ангуштони даст ва қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд саҳми муассир дорад. Чунин амалҳо барои воридшавии муҳассилин ба муҳити зебоипарастӣ, зебоишиносӣ, ки хоси санъати мусиқии миллӣ аст, роҳ мекушояд, завқу шавқ, рағбату азамат ва ҳавасмандии онҳоро афзун мегардонад.

Боби чоруми таҳти унвони «Тарҳрезӣ, татбиқ ва арзёбии самаранокии барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд» ба таҳлилу баррасии

масъалаҳое, амсоли ташкили дурусти фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ, ошкор намудани истеъдодҳои фардӣ, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, ташаккули малакаҳои амалӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму парвариши хонандагони имкониятташон маҳдуд бахшида шудааст.

Дар боби мазкур масъалаҳои тарҳрезии барномаҳои таълимии маҳфилҳои эҷодӣ баррасӣ гардида, зарурати муайян намудани ҳадаф, вазифаҳо, мазмун, роҳу усул ва шаклҳои ташкили фаъолияти эҷодӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф махсусан масоили ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, шавқу рағбат ва талаботи хонандагони имкониятташон маҳдудро ба таҳсилоти махсус ба муҳокима гузошта, ташкили муҳити эҷодӣ, меъёрҳои ҳавасмандкунӣ ва самараноки таълиму тарбияи хонандагони имкониятташон маҳдудро аз вазифаҳои аввалиндараҷа меҳисоббад.

Дар ин боб роҳандозии усули тафриқавӣ дар раванди фаъолияти хонандагони имкониятташон маҳдуд дар заминаи маҳфили ҳунарҳои дастӣ таҳлили ҳамаҷониба пайдо кардааст. Инчунин ба масъалаи ташхис ва арзёбии натиҷаҳои интизорӣ бобати корбасти барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуда, истифодаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбӣ, мушоҳидаҳои педагогӣ, таҳлили корҳои эҷодӣ ва муқоисаи натиҷаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд арзёбӣ гардидааст.

Боби панҷум - «Корҳои таҷрибавӣ оид ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ» баррасии ташкили корҳои таҷрибавӣ ва санҷиши амалии роҳу усулҳои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдудро дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ дарбар мегирад. Аҳаммияти ин масъала, ба ақидаи муаллифи рисоола, дар он аст, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон

маҳдуд яке аз омилҳои муҳимми ташаккули шахсият, баланд бардоштани мустақилият, инкишофи малакаҳои иҷтимоӣ ва омодасозии онҳо бобати иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа мебошад.

Дар боби мазкур масъалаҳои банақшагирии таҳқиқоти таҷрибавӣ, интихоби хонандагони дорои нуқсонҳои махталиф, муайян намудани шароити педагогӣ, таҳияи барномаи озмоишӣ ва интихоби усулҳои ташхису арзёбӣ мавқеи муҳимро ишғол кардаанд. Ташкили босамари корҳои таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фардии хонандагон ба назар гирифта шуда, имкониятҳои истифодаи усулҳои мутобиқшудаи таълимӣ ва эҷодӣ муайян карда шавад.

Боби панҷум ҷиҳати мазмун ва самти таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои муайян намудани имкониятҳои истифодаи барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд замина фароҳам меорад. Натиҷаҳои он дар сурати тасдиқ гардидани маълумоти таҷрибавӣ метавонад барои такмили фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи хонандагони имконияташон маҳдуд истифода шавад.

Дар боби ниҳойии рисола муаллиф ноил шудан ба ҳадафҳоро бобати рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар ҳалли вазифаҳои зерин муқаррар мекунад:

- муайян намудани сатҳи ибтидоии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон;
- таҳияи барномаи таҷрибавии фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон;
- татбиқи усулҳои мутобиқшудаи таълим дар машғулиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва фаъолияти амалии эҷодӣ;
- арзёбии тағйироти баамаломада дар қобилиятҳои маърифатӣ ва эҷодии хонандагон;

- муқоисаи натиҷаҳои гурӯҳи таҷрибавӣ ва гурӯҳи муқоисавӣ;
- таҳияи тавсияҳои педагогӣ барои омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ.

Барои санҷиши самараноки амсилаи пешниҳодшуда муаллиф гузаронидани таҳқиқоти озмоиширо ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва ҳам муқоисавӣ баргузор намудааст. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ озмоиш тибқи барномаи махсус ва дар гурӯҳи муқоисавӣ тавассути роҳу усули анъанавӣ татбиқи амал гардида, ҳангоми интихоби гурӯҳҳо синну сол, нуқсонҳои мухталиф, хусусиятҳои таълимӣ ва сатҳи ибтидоии нишондиҳандаҳо ба назар гирифта шудааст.

Натиҷаҳои ташхиси ибтидоӣ ва ниҳоӣ тавассути ҷадвали муқоисавӣ таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ нишондиҳандаҳои мусбӣ дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ мушоҳида шуда, муҳақиқ тавонистааст онро ҳамчун далели самаранокии фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ арзёбӣ намояд.

Дар рисола таҳқиқоти озмоишӣ заминаҳоро барои муайян кардани нерӯи педагогии маҳфилҳои эҷодӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони имконияташон маҳдуд фароҳам овардааст. Ташкили марҳилавии таҷриба, интихоби меъёрҳои мувофиқи ташхис, истифодаи роҳу равиши тафриқавӣ, таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ имкон додааст, ки арзёбии дурусти самаранокии барномаҳои таълимӣ пешниҳод гардад.

Таҳлил ва ҷадвалҳои пешниҳодшуда бо нишон додани шумораи хонандагон, роҳбарони маҳфил, волидон, омӯзгорон, номи муассисаи таълимӣ, давомнокии таҷриба ва натиҷаҳои пурсиши ибтидоӣ, таҳлили миқдорӣ, ҷадвалҳои пуркардашуда ва хулосаи илмӣ дар асоси маълумоти воқеӣ омода шудааст.

Бобҳои рисола пайдарпайии равиши таҳқиқотро оид ба рушди тафаккури зеҳнии хонандагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва қобилияти эҷодӣ

инъикос намуда, натиҷаҳои ба дастомада ба талаботи Низомномаи Комиссиси олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Таҳлили мундариҷаи рисола собит месозад, ки ҷузъҳои сохтории он аз ҷиҳати мазмун ва самти тадқиқот бо ҳам алоқаманд буда, принсипҳо ва асосҳои методологии тадқиқот дар татбиқ ва корбасти роҳу усули ташаккули тафаккури зеҳнии хонандагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва қобилияти эҷодӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар мураттаб сохтани маҷмӯи вазифаҳо оид ба раванди рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ ифода меёбад. Дар рисола мазмун, сохтор ва самтҳои асосии инкишофи тафаккури зеҳнии хонандагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва қобилияти эҷодӣ баррасӣ гардида, нақши он дар рушди фаъолияти эҷодӣ, қобилияти зеҳнӣ-маърифатӣ, ташаккули малакаҳои иртиботӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии муҳассилини имконоти маҳдуддошта асоснок карда шудааст.

Ҷанбаи муҳими таҳқиқот муайян намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар доираи маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ ва ҳунарҳои дастӣ мебошад. Ин самтҳо ҳамчун воситаҳои муҳими инкишофи тафаккури эҷодӣ, тасаввурот, мустақилият, ташаббускорӣ ва қобилияти ифодаи фикру эҳсосоти хонандагон арзёбӣ мегардад. Бино бар андешаҳои илмии муаллиф истифодаи имкониятҳои педагогии маҳфилҳои эҷодӣ барои ба роҳ мондани фаъолияти мақсаднок ва мутобиқшудаи таълимӣ заминаи мусоиди бунёдӣ-назариявӣ фароҳам меорад.

Дар таҳқиқот ба аҳамияти иштироки хонандагони имконияташон маҳдуд дар фаъолияти муштараки эҷодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Чунин фаъолият ба рушди малакаҳои муошират бо ҳамсолон,

ташаккули ҳисси масъулият, баланд бардоштани савияи дониши хонандагони имконияташон маҳдуд роҳи васеъ мекушояд.

Аҳамияти амалии тадқиқот

Таҳияи барномаҳо ва маводҳои таълимӣ, нақшаи озмоиш ва ташкили педагогии он ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнӣ, ташаккули малакаҳои муошират ва ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ равона шудааст. Хоса, ба рушди салоҳиятҳои эҷодӣ дар соҳаи расмкашӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, барномаҳо ва маводҳои таълимии таҳияшуда барои истифода ба омӯзгорон, мутахассисони муассисаҳои таълимии махсус ва иловагӣ пешбинӣ шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар муассисаҳои махсусгардонидашуда, марказҳои такмили ихтисос ва таълим ва аз ҷониби роҳбарони маҳфил барои татбиқи мақсаднок ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мавриди истифода қарор ёфта метавонанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот 19 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 мақола дар нашрияҳои дигар ва дар доираи маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ нашр шудаанд.

Натиҷаҳои асосии рисола дар шакли расму таблитсаҳо, диаграммаҳо таҳлил ва пешниҳод шуданд. Натиҷаҳои рисола дар шакли монография, китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ таҳия ва нашр гардида, автореферат мазмун, ҳадаф, моҳият, вазифа ва муҳтавои мухтасари таҳқиқотро инъикос менамояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Мақолаҳои илмӣ мундариҷаи бобҳои гуногуни рисоларо фаро гирифта, дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудаанд.

Ба расмиятдарории иқтибосҳо, истинодҳо, рӯйхати адабиёт дуруст ба анҷом расидааст. Руйхати адабиёти истифодашуда аз рӯйи мавзуи диссертатсия интихоб ва гирд оварда шуда, фарогири санадҳои меъёрӣ, осори донишмандони соҳаи педагогика, фалсафа, равоншиносӣ, тиббии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:

1. Дар рисола ва фишурдаи он муқоисаи амсилаҳои мусиқӣ, рамскашӣ ва ҳунарҳои дастӣ (меҳнатӣ) барои рушди қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд баррасӣ шудааст. Хуб мебуд, агар муаллифи рисола барои такмили андешаҳои илмӣ ва арзиши бештари кор хусусиятҳои фарқкунандаи амсилаҳоро дар робита ба равиши таҳқиқот возеҳтар ва амиқтар нишон медод.

2. Дар диссертатсия ба масъалаи асоснок намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир гардида бошад ҳам, робитаи байни маҳфилҳои эҷодӣ ва натиҷаҳои рушди қобилиятҳои хонандагон муфассал шарҳ дода нашудааст.

3. Дар матни рисола мафҳумҳои марбут ба таҳсилоти фарогир дар шаклу намуди гуногун, амсоли “хонандагони имконияташон маҳдуд”, “бачаҳои маъюб”, “кӯдакони дорои маҳдудиятҳои саломатӣ” ва монанди ин истифода шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф дар истифодаи вожаю ибороти марбути таҳсилоти фарогир дар робита ба мавзӯи таҳқиқот ба мафҳуми асосии қабулшуда такя мекард.

4. Дар матни рисола нуқсонҳои услубӣ, китобатӣ, имлоӣ, техникӣ, такрори афкори пештар баёншуда ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба беҳтар шудани мазмуну мундариҷаи рисола мусоидат хоҳад кард.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти барҷастаи таҳқиқотро дар самти кокарди асосҳои илмии ташаккули тафаккури зеҳнӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагони дорои имкониятҳои маҳдудро ҳаргиз коста намегардонад. Эродҳо бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба такмили минбаъдаи асосҳои

назариявӣ, методологӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот равона шуда, арзиши илмии рисоларо собит месозанд.

Хулоса диссертатсияи Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкили-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Негматов Садуллоҷон Эргашевич

Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, 44/141. Тел.: 918506318; E-mail: snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Негматовро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

20.10.2026

Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.+(992) 372-278415. E-mail: info@tnu.tj